# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Файзалии Мирзоали дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот): банди 3 – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), банди 4 – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни ба воярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;).

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Кори диссертатсионии Файзалии Мирзоали аз ҷиҳати интихоби мавзуъ мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми педагогикаи муосир – Асосҳои рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бахшида шудааст.

Ҷомеаи муосир дар марҳилаи рушди иттилоотӣ қарор дорад. Хусусияти асосии ин марҳила истифодаи фаъоли технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии ҷомеаи муосир мебошад. Бо такя ба стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ мешавад, ки то соли 2030 ҷумҳурӣ дар соҳаи иттилоотӣ фаъолона рушд карда, ба як минтақаи рақобатпазир бо потенсиали кофӣ дар сатҳи зиндагӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва имкониятҳо барои амалӣ шудани насли ҷавон табдил меёбад, ки ин ба беҳтар шудани сифати зиндагӣ мусоидат хоҳад кард.

Сиёсати стратегӣ дар потенсиали ҷумҳурӣ дар тӯли даҳсолаҳо бетағйир боқӣ мемонад: зарурати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар кишвар, таъмини

амнияти сарҳадҳо ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи давлат, баланд бардоштани сатҳи самаранокии иқтисодӣ бо беҳтар кардани шароити зиндагии аҳолӣ. Вазифаи асосӣ, ки дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои давлатӣ қарор дорад, зарурати бунёди мустақил, дунявӣ, иқтисодан рушдёфта ва давлати шукуфо мебошад.

Дар ин замина, ҳангоми бунёди давлати зикршуда, таваҷҷуҳи асосӣ ба тамоми низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мегардад. Ин низом бояд насли ҷавонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия кунад ва онҳоро барои зиндагӣ дар ҷаҳони муосир ва босуръат рушдёбанда омода созад.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**:* Рӯй овардани муаллифи рисола ба мавзуи мазкур аз чанд ҷиҳат қобили дастгирист. Қабл аз ҳама, дар ин самт мушкилот ва муаммоҳо зиёданд. Ба андешаи унвонҷӯй, монеа ва ихтилофоти асосӣ, ки ба ташаккули тарбияи таҳаммулпазирӣ халал мерасонанд, инҳоянд:

– Дар доираи ТИК маҷмуи техникӣ (компютер, дастгоҳҳои канории он, таҷҳизоти интерактивӣ ва таъминоти барномавии махсусгардонишудаи он) ва воситаҳои дидактикиро (захираҳои электронии таълимӣ ва захираҳои шабакаи Интернет), ки эҳёи фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро тавассути ҳамкории иштирокчиёни ҷараёни таълим дар рафти гуфтугӯи интерактивии амалишаванда дар захираҳои электронии таълимӣ аз ҳисоби истифодаи намудҳои гуногуни алоқаи баръакс; имконияти интихоби мустақилонаи масири омӯзиши ҷузъҳои иттилоотии таълимӣ ба хонанда; вақт ва суръати кор, ҳаҷм ва сатҳи мураккабии иттилооти таълимӣ; мустақилона сохтани маводи таълимии эҷодӣ дар раванди табдилдиҳии фаъоли иттилооти таълимӣ мефаҳмем.

– Қобилиятҳои ҷустуҷӯй-эҷодии хонанда ҳангоми омӯзиши ТИК ҳамчун яке аз ҳадафҳои афзалиятноки омодакунии ӯ дар МТМУ баррасӣ шуда, худро ҳамчун системаи динамикӣ рушдёбандаи донишҳо, маҳоратҳо, сифатҳо, ангезаҳо ва таҷрибаи махсуси мутахассис муаррифӣ мекунад, ки

истифодаи оқилонаи ТИК-ро дар омӯзиши информатика ва хусусиятҳои асосӣ, ки дар амсилаи сохташудаи рушди ҳамин қобилиятҳо кушода мешавад, таъмин мекунад. Сохтори қобилиятҳо чунин таркибҳоро фаро мегирад: маърифатӣ-амалиётӣ (маҳорат оид ба мавқеъ ва нақши интерактив дар чараёни таълим, имкониятҳои ТИК дар омӯзиши информатика, вариантҳои амалисозии омӯзиш бо истифодаи ТИК), инструменталӣ-фаъолиятӣ (маҳорат ва малакаҳои кор бо дастгоҳҳои интерактивӣ, таҷрибаи сохтани ТИК, маҳорати алоқамандсозии вазифаҳои касбӣ бо имкониятҳои ТИК, донистани усулҳои ҷустуҷӯи иттилоот бо ёрии ТИК) ва рефлексӣ-эҷодӣ (инъикоси имкониятҳои шахсӣ ва касбии хуб дар соҳаи истифодаи ТИК, тамаркуз ба амалисозии имкониятҳои эҷодии худ).

Муаллифи рисола бар ин қарор аст, ки ба сифати меъёрҳои омодагии хонандагон ақидаҳо дар мавриди инкишофи қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон хосанд. Хонандагони МТМУ-и оянда ҳама иштирокчиёни ҷараёни педагогиро ҷалб карда, фосилаи миёни «таълимдиҳӣ-омӯхтан»-ро аз байн мебаранд ва маънои ҳамкории «омӯзгор-хонанда»-ро рӯшан месозанд. Дар ягон маврид ақидаҳои «интиқолдиҳӣ», «шаклдиҳӣ» мавҷуд нестанд! Танҳо фароҳам кардани шароит оид ба зоҳир намудани фикрҳо мумкин аст. Имконияти ин дар кори доимии педагог бо худ, дар муоширaт бо дигарон, давра ба давра амалӣ гардонидани шароитҳои муайяни педагогӣ ифода шудааст.

Аҳамияти таҳқиқи қобилиятҳои эҷодии хонандагон дар ҳалли мушкилоти ҷустуҷӯи роҳҳои нави ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ ифода меёбад, ки ба рушди эҷодӣ ва истифодаи ғайристандартии донишҳо мусоидат мекунанд. Ин донишҳо метавонанд беҳтарин роҳро барои ҳалли мушкилоти гуногуни касбӣ ва рӯзмарра пайдо намоянд.  Бо такя ба зиддиятҳои ошкоршуда, мушкили таҳқиқот муайян гардид, ки он дар набудани таҳқиқотҳои илмӣ дар заминаи рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯиву эҷодӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зоҳир мешавад. Маҳз ин мушкилот барои интихоби мавзуи таҳқиқот, яъне

«Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» асос гардид. Аз ин лиҳоз – аҳамияти методологӣ ва илмию амалии ин мавзуъ дар шароитҳои муосири таҷдиди низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ, компютеркунонӣ ва иттилоотонии ҷомеа мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Боби якуми диссертатсия - « Асосҳои педагогии омӯзиши ТИК дар таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ » ном дошта, ба таҳлили таҳқиқоти илмие бахшида шудааст, ки дар онҳо усулҳои муосири ташкил ва татбиқи стратегияҳои педагогии ба ташаккули муносибати мусбат ба омодасозии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти технологияҳои муосир нигаронида шудаанд ва ҳамчун арзишҳои асосии ҳаётӣ қабул карда мешаванд.

Дар боби мазкур мафҳумҳои асосии таҳқиқотҳои илмӣ-педагогӣ ба чор марҳилаи рушди дидактика ҷудо карда мешавад марҳилаи якум дидактикаи анъанавӣ дуюм дидактикаи муосир сеюм дидактикаи пасмуосир ва чорум иттилоотикунонии таҳсилот, ки ба ҷомеаи муосири асри XXI таалуқ дорад.

Ба андешаи муаллифи рисола Равиши иттилоотӣ ба омӯзиш дар назди дидактика ва педагогика як қатор мушкилотро гузоштааст. Барои мисол, савол оид ба шакли тасвири дониш дар раванди таълим пайдо мешавад, ки матнҳои анъанавӣ, маводи аёнӣ ва шакли нави монанд ба шакли иттилооти сохташуда: матн, тақсимкунӣ ба блокҳо ё тариқи сохторӣ, тезаурус, абарматн ва ғайраро дар назар дорад. Дар навбати худ, шакли тасвиркунии донишҳо, ҷустуҷӯи воситаҳои тасвиркунии онҳо дар равандҳои дидактикӣ ва методҳои коркарди иттилоот, яъне амалиёти таълимӣ-маърифатӣ, методҳои аз худкунӣ ва таълимдиҳиро муайян мекунад

Боби дуюми диссертатсия, ки «Роҳҳои истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии ба рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон мусоидаткунанда» номида мешавад. Ҳангоми дар раванди омӯзиш ҷорӣ кардани ТИК доимо иқтидори васеъшавандаи

зеҳнии ҷомеа, ки дар шакли фонди чопӣ ҷамъоварӣ шудааст, фаъолиятҳои илмӣ, истеҳсолӣ ва машғулиятҳои дигари аъзои ҷомеаро фаъол сохта, қобилияти фикррονии хонандагонро инкишоф медиҳад, малакаи мустақилона ҳифз намудани дониш ва фаъолиятҳои таълимӣ-иттилоотӣ ва таҷрибавӣ-таҳқиқотиро вусъат бахшида, шаклҳои гуногуни корҳои мустақилона оид ба таҷдиди иттилооти бадастомада амалӣ карда мешавад. Ғайр аз ин, барои возеҳ пешниҳод кардани маводҳои таълимӣ истифодаи технологияҳои муосири намоиши визуалӣ пешбинӣ шудааст.

Диссертатсия собит месозад, ки масъалаи методикаи пайдарҳамии амалҳои мантиқии педагогӣ, аз ҷумла, тавсифи методҳо, усулҳо ва фаъолнокии мушаххаси ба ташаккул ва қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон тавассути ТИК нигаронидашуда, ки ба таҳкими дараҷаи омӯзиши соҳаи илми муосир аз ҷумла технологияи ҳозиразамон, таваҷҷуҳи амиқ зоҳир гардидааст.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Файзалии Мирзоали дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» таҳқиқоти анҷомёфта дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ мебошад.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо***: Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, муаллиф исбот намудааст, ки ҷалб намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бисёр муҳим аст. Падару модар, омӯзгорон ва кулли ҷомеаро зарур аст, ки худ ба омзиши технологияи муосир машғул гардида, ҳамзамон фарзандону шогирдони хешро ташвиқ ва шавқманд намоянд, то ки ба омӯхтани технологияи муосир машғул шаванд.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо омӯзгорони фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус омӯзгорони фанни технологияҳои

информатсионӣ, хонандагони МТМУ, метавонанд истифода баранд. Натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо барои донишомӯзии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии хонандагон мавриди корбурд қарор диҳанд.

Диссертатсияи мазкур дорои таҳлилҳои назариявию методологии ғанӣ буда, мафҳумҳои калидӣ аз ҷиҳати равонӣ-педагогӣ хеле муфассал таҳлил карда шудаанд. Мақсад, вазифа, фарзия ва муқаррароти диссертатсия татбиқ ва иҷро гардидаанд. Натиҷаи таҳқиқот фарзияи пешниҳодгардидаро тасдиқ намудааст.

Тавсияҳо манзуркардаи довталаб Файзалии Мирзоалӣ барои рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони МТМУ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҷолиби таваҷҷуҳ буда, бо мақсади тақвият бахшидани тарбияи насли наврас мусоидат хоҳад кард.

Қобили қайд аст, ки муаллиф дар анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ заҳмати зиёд кашидааст: миқдори зиёди адабиёт, аз он ҷумла таҳқиқоти олимони муосири тоҷику хориҷиро мавриди омӯзиш қарор дода, таҳлил намудааст.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*** Муҳтавои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ баргузоршуда ироа ва баррасӣ шуда, дар 26 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 19-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводи конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия***

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

***Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:***

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Дар диссертатсия таҳлили вазъи озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсила ва барномаи ташаккули омодагии хонандагони синфҳои болоӣ - омӯзгори оянда ба машғулиятҳои технологияҳои иттилоотӣ, таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ба мушоҳида нарасид.

2. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ, грамматикӣ, китобатӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

3. Тавсияҳои таҳқиқотӣ дар намуди хулоса оварда шудаанд ва онҳоро мушаххас намуда, рақамбандӣ кардан мувофиқи мақсад мебуд.

4. Агар дар дисертатсия таҷрибаи пешқадами омӯзгорони фанни "технологияҳои информатсионӣ"-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ таҳлил ва арзёбӣ мегардид, беҳтар мебуд, зеро таҷриба кардани ин роҳи таҳқиқ ба муаллиф имкониятҳои бештарро дар мавриди ҷустуҷӯи роҳу усулҳои пешқадам фароҳам меовард.

5. Беҳтар мебуд, ки ҳар як вазифаи дар назди таҳқиқоти илмӣ гузошташуда дар шакли хулосаҳои ҷамъбастии таҳқиқот ҳалли худро меёфтанд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Файзалии Мирзоалиро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Дар ҳаллу фасли вазифаи мавриди назар, диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф аз адабиёти илмии мавҷуда дар самти тадқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дошта, таҳқиқи масъалаи гузошташударо дар робита бо асосҳои бунёдӣ ва методологии ташаккули омодагии хонандагони синфҳои болоӣ - омӯзгори ояндаи технологияҳои иттилоотӣ ба фаъолияти тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба риштаи таҳлил ва таҳқиқ кашидааст.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Файзалии Мирзоали кори ба итмом расидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Файзалии Мирзоали дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
муовини ректор оид ба тарбияи ДТТ
ба номи академик М. Осимӣ Аҳмадзода Бунафша Саймузафар

1.05.2025

**Маълумот барои тамос:**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Ҷомӣ, Тел.+992 985053454, +992 2278355; Почтаи электронӣ: abunafsha@mail.ru

*Имзои Аҳмадзода Бунафша Саймузафарро тасдиқ мекунам.*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ: Қодирзода Н. Ҳ.